## Кӯдаконе, ки ба онҳо таъсири пеститсидҳо бештар имкон дорад

- Организми кудакон, аз роҳи нафасгири, истеъмоли ғизо ва расидани пусти дасту бадан ба ашёҳои гуногун, ба гирифтан ва захиракунии миқдори бештари боқимондаҳои пеститсидҳо (бо ҳисобгирии ба кг вазн) қодир аст.

– Кудакон метавонанд ҳангоми бозӣ карданашон дар замини олудаи пеститсидҳо ва аз тариқи дастҳои ифлос химикатҳоро ба организми худ қабул намоянд.

– Кудакон ба суханҳои огоҳкунанда диққат намедиҳанд.

– Аз сабаби пастии қад, кудакон маҷбур ҳастанд, ки аз ҳавои миқдори баланди олудаги бо пеститсидҳо нафас гиранд (зеро ки онҳо аз ҳаво вазнинтар мебошанд).

– Системаи иммунии кудакон, нисбат ба калонсолон, камтар муҳофизатшаванда аст.

–Пеститсидҳои синтетики, ки ангезандаи ноҷурии гармонали мебошанд, ба кудакон бештар таъсир мерасонанд.

– Ҳангоми рушди босуръати қадду баст ҳуҷайраҳои кудакон тезтар тақсим мешаванд, ки, дар натиҷаи таъсири моддаҳои химиявии заҳрнок ба онҳо, метавонад боиси сар задани бемориҳои саратон шаванд.

- Миқдори ками пеститсидҳо – нейронотоксинҳо ба рушди ақлонии кудакон таъсири ҷидди расонида метавонанад.



## Руйхати пеститсидҳое, ки истеъмолашон дар ҶТ мамнуъ аст:

Дихлор–дифенил–сехлорэтан (ДДТ).
Алдрин
Эндрин
Диэлдрин
Гептахлор
Мирекс
Хлордан
Токсафен





## Ман дар наздикии анбори пеститсидҳо зиндагони мекунам



1. Сохтмони манзилҳои истиқомати ва биноҳои ҷамъияти (мағоза, ошхона ва ғайраҳо) дар мавзеҳои заҳролудшуда қатъиян манъ мебошад.
2. Парвариши маҳсулоти хоҷаги, инчунин хуроки ҳайвоноти хонаги дар мавзеъҳои заҳролудшуда мумкин нест.
3. Кудакон ва калонсолонро ба мавзеъҳои заҳролудшуда роҳ надиҳед, чунки моддаҳои заҳрнок метавонанд бо пойафзол ва либоси онҳо ба хонаҳои истиқомати роҳ ёбанд.
4. Агар шароити молияви имкон диҳад, гирдогирди мавзеҳои заҳролушуда девор бардоред.
5. Дар анборҳои аз ин пеш нигаҳдории химикатҳои заҳрнок ҳаргиз хуроки ҳайвонот ва таҷҳизоти хонагиро ҷойгир накунед.
6. Аз анбор маводи заҳролудшудаи сохтмониро– хишт, блокҳои бетони, шифер, тахта ва ғайраро барои хоҷатҳои хоҷагидори истифода набаред.
7. Халтаву қуттиҳои химикатҳои заҳрнокро дар хоҷагидори истифода набаред.
8. Агар дар наздикии мазеъҳои заҳролудшуда сарчашмаҳои об – ҷуйборҳо, ҳавз ё кул ҷойгир шуда бошанд, оби онҳоро ҳаргиз бо мақсади нушидан на барои инсон ва на барои ҳайвонот истифода набаред.
9. Дар мавриди маълум кардани мавзеъҳои заҳролудшуда ва ё партовгоҳҳои химикатҳои заҳрнок ба мақомоти ҳукуматҳои маҳалли (ҳукуматҳо, ҷамоатҳо), ичунин ба шуъбаҳои ноҳиявии ҳифзи муҳити зист хабар диҳед.
10. Анборҳоро ба сифати оғили чорвои хонаги истифода набаред.



## СУРОҒА БАРОИ ТАМОС:


**ОО «Пешсаф»,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ҳисор,**
**кӯч. А. Сино 23, утоқи 6**

**(+992) 88 0000 162**
**(+992) 88 0000 163**

**office@flagman.tj**


ЛОИҲА АЗ ҶОНИБИ ИТТИҲОДИ АВРУПО МАБЛАҒГУЗОРӢ КАРДА МЕШАВАД

BLACKSMITH INSTITUTE
PURE EARTH

PESHSAF

# ПЕСТИТСИД ЧИСТ ВА ХАТАРИ ОН ДАР ЧИСТ?







## Чиҳоро пеститсид меноманд?

Истилоҳи «пеститсид» аз ду вожаи лотинӣ:
«pestis» - сироят ва «caedo» - мекушам ба амал омадааст.

Пеститсидҳо — чунин моддаҳои химиявианд, ки аз онҳо дар мубориза бо организмҳои барои растаниҳо ва маҳсулоти кишоварзӣ зарарнок *(аз ҷумла баъзе намудҳои ҷонварҳои хоянда, ҳашарот, замбуруғҳо, шукуфаҳо, микроорганизмҳо, вирусҳо)*, инчунин алафи бегонаву рустаниҳои нолозим истифода мебаранд.

Дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ ва байторӣ пеститсидҳоро барои мубориза алайҳи бемориҳои хатарноки сирояткунанда: табларза, вабо, вараҷа, энтсифалит, касалиҳои хоб ва филпой, бисёр бемориҳои пӯст, рӯда ва ғайра, инчунин ба сифати воситаҳои дезинфикатсиякунанда; дар истеҳсолот - барои муҳофизати моддаҳои ғайриметаликӣ *(полимерҳо, чӯбу тахта, маҳсулоти бофандагӣ)* аз мағоргирӣ, пешгирӣ кардани қисмҳои дар об будаи киштиҳо аз қабатгирии лойқаю лашан *(бахусус дар баҳрҳои ҷанубӣ)*, мубориза бо бактерияҳои тавлидкунандаи сулфид, муҳофизати қубурҳо аз зангзанӣ *(коррозия)* истифода мебаранд.

Истифодаи васеъи пеститсидҳо дар мавзеҳо, бидуни баҳисобгирии хусусиятҳои табииву боду ҳавоии онҳо, вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии пеститсидҳо, аз ҷумла, риоя накардани чораҳои зарурии бехатарӣ, боиси ба мал омадани мушкилиҳои зиёд:

- Заҳрнокшавии организм;
- Пастравии рангорангии биологӣ;
- Мурдиши ҳайвоноти ваҳшӣ ва чорво;
- Дахолат ба раванди табии назорат аз болои ҳашароти зараррасон;
- Ҷамъшавии захираҳои химикатҳои кӯҳнаву корношоям;
- Олудашавии хуроку ғизо бо пеститсидҳо;
- Вайроншавии обҳои нушиданӣ;
- Воридоти номатлуб мешавад.



## Нақшаи паҳнашавӣ

### НАҚШАИ ПАҲНШАВИИ ХИМИКАТҲОИ ЗАҲРНОК АЗ РАСТАНИҲО БА ОРГАНИЗМИ ИНСОН БА ТАРИҚИ ЗАЙЛ АСТ:

1. Замини бо пеститсидҳо коркардшаванда.
2. Борон пеститсидҳоро ба ҳавзу ҷуйборҳои дар назди ин замин буда шуста мебарад.
3. Микроорганизмҳои обӣ алафу растаниҳоеро, ки ба руйи онҳо захр таҳшин шудаст фуру мебаранд.
4. Моҳиҳо, дар навбати худ, ин организмҳоро истеъмол мекунанд.
5. Ҳайвонотҳо низ дар ферма оби заҳролудро менӯшанд ва растаниҳои бо пеститсидҳо коркардшударо мехуранд.
6. Инсон гӯшти моҳӣ ё чорворо, ки дар дохилашон химикатҳои захрнок ҳастанд, истеъмол мекунад




## Бемориҳои бо таъсири пеститсидҳо хуруҷкунанда:



**НАМУДҲОИ ГУНОГУНИ САРАТОН**

**ЗИЁД ШУДАНИ МИҚДОРИ НОДУРУСТИИ РАВАНДИ ИНКИШОФ**

**ИЛЛАТЁБИИ РОҲҲОИ БОЛОИИ НАФАСГИРӢ**

**БЕМОРИҲОИ ҶИГАР ВА ГУРДА**





**ДАРАҶАИ БАЛАНДИ БО КАСАЛИҲОИ УМУМӢ ГИРИФТОРШАВИИ КӮДАКОНИ НАВЗОД**

**ДАРАҶАИ БАЛАНДИ БЕМОРИҲОИ ГИНЕКОЛОГӢ**

**ДЕРМОНИИ ИНКИШОФЁБИИ ПСИХОМОТОРИИ КӮДАКОН**

**ЗИҚҚИ НАФАС**



**ОСЕБЁБИИ СИСТЕМАИ ЭНДОКРИНӢ**

**БАЛАНД РАФТАНИ МИҚДОРИ БЕМОРИҲОИ АЛЛЕРГИКӢ**

**НОРАСОИИ ОҲАН ДАР ТАРКИБИ ХУН**

**ВАЙРОНШАВИИ КОРИ СИСТЕМАИ АСАБ**

